# Шарҳи моҳонаи таваррум • Сентябри 2020

**Вобаста ба зиёд шудани таклифот бинобар ҷамъоварии ҳосили хуби соҳаи кишоварзӣ, коҳишёбии маҷмӯи талабот ва татбиқи сиёсати монетарии зиддитаваррумӣ, тайи панҷ моҳи охир (май-сентябри с. 2020) дар Ҷумҳурӣ муътадилии сатҳи нархҳо ба қайд гирифта шуда, сатҳи таваррум дар моҳи сентябри соли равон 0,3 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин моҳи соли гузашта 0,3 банди фоизӣ (б.ф.) паст мебошад.**

Таварруми ҳосилшуда асосан аз ҳисоби афзоиши нархи маҳсулоти хӯрокворӣ 0,1 фоиз (саҳм дар таваррум 0,05 б.ф.), молҳои ғайрихӯрокворӣ 0,5 фоиз (саҳм дар таваррум 0,15 б.ф.) ва арзиши хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ 0,6 фоиз (0,09 б.ф.) ба амал омад.

Дар сохтори маҳсулоти хӯрокворӣ бештар қиматшавии нархи маҳсулоти серистеъмоли аҳолӣ, аз қабили гӯшти гов 1,5 фоиз, гӯшти гӯсфанд 1,0 фоиз, шир 1,8 фоиз, **равғани пахта 1,8 фоиз, шакар 17,4 фоиз,** себ 2,8 фоиз, пиёз 14,8 фоиз ва бодиринг 15,6 фоиз ба қайд гирифта шуданд.

Бояд қайд намуд, ки дар моҳи сентябри соли ҷорӣ аз маҳсулоти хӯрокворӣ бештар ҳиссаи қиматшавии нархи шакар (0,4 б.ф.), ки вазни хоси он дар сабади истеъмолӣ 2,2 фоизро ташкил медиҳад, ба назар расид.

Бинобар сабаби коҳиш ёфтани ҳаҷми маҳсулоти ашёи хом барои истеҳсоли шакар ва болоравии нархи он дар кишварҳои содиркунанда, аз ҷумла дар Федератсияи Русия ба андозаи 100,0 фоиз (январ-сентябри с. 2020), болоравии нархи шакар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуд, ки ҳиссаи бештари воридоти он (бештар аз 82,0 фоиз) ба ин кишвар рост меояд.

Дар сохтори молҳои ғайрихӯрокворӣ дар моҳи сентябри соли ҷорӣ бештар қиматшавии нархи сӯзишвории сахт 3,1 фоиз (бахусус ангишт 3,4 фоиз), маводи сохтмонӣ 1,1 фоиз, либос ва пойафзол 0,9 фоиз ба қайд гирифта шуд.

Нарху тарифаҳои хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ низ дар моҳи ҳисоботӣ тамоюли афзоишёбӣ дошта, ба 0,6 фоиз баробар гардид, ки раванди мазкур асосан дар натиҷаи қиматшавии нархи хизматрасонии маориф ба

**Таварруми моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Тағйирёбии намояи нархи шакар ва равғани пахта бо % моҳона**




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таварруми солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



андозаи 6,4 фоиз, хӯроки умумӣ 4,4 фоиз ва хизматрасонии маишӣ 0,4 фоиз ба вуқӯъ пайваст.

**Ҳамин тариқ, таваррумии солона (дар 12 моҳи охир) дар моҳи сентябри соли ҷорӣ тамоюли коҳишёбӣ дошта, ба 6,6 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба моҳи қаблӣ 0,4 б.ф. ва ҳамин давраи соли гузашта 1,5 б.ф. паст мебошад.**

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сабаби дар давоми моҳҳои март-июни соли равон аз доираи ҳадафи муқарраршуда баромадани сатҳи таваррумии солона, асосан омилҳои таклифотии вобаста ба авҷ гирифтани пандемияи коронавирус (COVID-19) арзёбӣ мегардад, ки дар натиҷа ба кам гардидани пешниҳоди баъзе аз маҳсулоти асосии хӯрокворӣ, маҳдуд шудани тиҷорати байналхалқӣ, паст шудани сатҳи рақобатнокӣ дар бозорҳои дохилӣ, инчунин таъсири омилҳои мавсимӣ замина гузошт.

Сатҳи таваррумии аслӣ, ки дар худ омилҳои монетариро нисбатан инъикос менамояд, дар моҳи сентябри соли ҷорӣ 0,4 фоизро ташкил намуда, бо арзёбии солона ба 2,5 фоиз баробар гардид. Ба ин раванд бештар болоравии нархи молҳои ғайрихӯрокворӣ (аз қабилӣ либос ва пойафзол, маводи шустушӯӣ ва доруворӣ) ва маҳсулоти тайёри хӯрокворӣ (аз қабилӣ нон ва равғани рустанӣ) саҳмгузорӣ намуданд.

**Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади пешгирӣ ва бартараф намудани фишорҳои иловагӣ ба сатҳи таваррум бо истифода аз воситаҳои монетарӣ татбиқи сиёсати мутавозуни пулию қарзиро идома хоҳад дод.**

**Таваррумии солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Таваррумии аслии солона, бо %,**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




[1] - тибқи маълумоти Агентии омор

## Намояи нархҳои истеъмолӣ (таваррруми солона бо фоиз)*

| | Вазн,% | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | | | | 2020 | | | | Сентябр моҳона бо фоиз |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | Март | Июн | Сентябр | Декабр | Март | Июн | Июл | Сентябр | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизатрасонӣ** | **100,0** | **5,1** | **6,1** | **6,7** | **5,4** | **7,8** | **8,7** | **8,1** | **8,0** | **9,3** | **8,4** | **7,7** | **6,6** | **0,3** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **50,4** | **3,8** | **6,4** | **7,7** | **4,9** | **10,2** | **13,5** | **11,9** | **11,4** | **13,5** | **12,4** | **9,7** | **7,6** | **-0,1** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 15,3 | 9,1 | -2,5 | -0,8 | 8,9 | 19,7 | 18,8 | 16,1 | 16,5 | 13,5 | 25,3 | 23,9 | 15,1 | -0,5 |
| Биринҷ | 2,6 | 11,6 | -9,2 | -6,9 | 19,5 | 22,1 | 24,8 | 15,3 | 7,6 | 4,0 | -0,5 | 0,6 | -0,4 | -0,5 |
| Орд | 9,0 | 7,8 | -3,0 | 0,3 | 9,9 | 25,3 | 22,1 | 19,7 | 21,0 | 17,3 | 36,7 | 33,1 | 19,0 | -0,9 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 8,4 | -10,2 | 3,7 | 13,8 | 8,6 | 10,4 | 18,0 | 22,9 | 21,8 | 20,6 | 12,3 | 9,2 | 5,9 | 1,2 |
| Гӯшти гов | 5,3 | -14,3 | 3,2 | 14,7 | 8,9 | 11,4 | 21,8 | 27,2 | 25,9 | 25,2 | 14,0 | 9,8 | 5,7 | 1,5 |
| Тухм | 1,4 | 5,5 | 12,0 | 1,0 | 3,9 | 6,6 | 6,0 | 3,1 | 6,3 | -5,1 | -0,1 | 12,8 | -2,1 | -1,3 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,7 | 7,3 | 0,4 | 4,4 | 4,1 | 3,1 | 4,8 | 4,3 | 6,4 | 6,7 | 8,1 | 7,6 | 7,6 | 0,7 |
| Шир | 0,5 | 16,1 | -7,2 | 6,3 | 1,3 | 0,0 | 2,7 | 6,7 | 7,3 | 11,0 | 13,0 | 12,8 | 8,1 | 1,8 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 5,1 | 12,7 | 11,3 | 1,3 | 9,2 | 10,4 | 5,2 | 0,6 | -1,7 | 0,5 | 6,4 | 5,9 | 7,2 | 2,4 |
| Меваҷот | 3,8 | 12,3 | 16,7 | -1,8 | 4,0 | -4,0 | -15,5 | -5,4 | -2,2 | 12,1 | 18,6 | 9,9 | 11,5 | -2,4 |
| Сабзавот | 7,6 | -12,4 | 16,5 | 40,2 | -10,7 | 3,7 | 33,1 | 15,0 | 15,4 | 29,9 | 3,0 | -3,2 | -3,0 | -6,4 |
| Шакар | 2,2 | 19,3 | 15,0 | -6,7 | 2,7 | 5,7 | -0,6 | 3,4 | -5,1 | -0,2 | -2,0 | -3,9 | 13,1 | 17,4 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,3 | 13,7 | 19,9 | 1,6 | 2,8 | 5,1 | 6,2 | 6,7 | 8,1 | -0,8 | -0,2 | -0,3 | -2,1 | -1,0 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,0** | **14,9** | **19,9** | **2,7** | **8,0** | **6,7** | **8,1** | **7,3** | **3,0** | **3,0** | **2,9** | **2,8** | **6,2** | **4,4** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **2,5** | **15,9** | **11,8** | **6,2** | **5,4** | **3,8** | **3,5** | **0,9** | **1,0** | **1,9** | **3,2** | **3,4** | **5,0** | **1,3** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **30,6** | **7,9** | **5,7** | **4,4** | **6,4** | **6,3** | **4,7** | **4,1** | **4,2** | **5,0** | **3,9** | **5,3** | **5,8** | **0,5** |
| Либос ва пойафзол | 10,4 | 9,2 | 14,5 | 9,2 | 5,6 | 14,7 | 13,5 | 14,4 | 13,4 | 4,2 | 3,8 | 3,7 | 4,1 | 0,9 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 4,5 | 2,2 | -0,9 | 2,4 | 7,3 | 6,0 | 5,2 | 4,9 | 4,9 | 5,5 | 6,5 | 7,6 | 8,0 | 1,1 |
| Маводи шустушӯй | 1,7 | 15,5 | 1,2 | 4,0 | 6,2 | 7,0 | 9,0 | 6,3 | 3,3 | 2,9 | 5,0 | 6,4 | 7,0 | -0,4 |
| Доруворӣ | 2,9 | 24,7 | 14,1 | 1,0 | 10,4 | 6,4 | 18,1 | 10,8 | 13,0 | 16,5 | 11,9 | 13,7 | 12,6 | -0,5 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,1 | -7,0 | 2,9 | 27,7 | 12,2 | 5,4 | -10,6 | -9,1 | -5,7 | 4,2 | -16,5 | -3,1 | -1,2 | -1,2 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,2 | 19,0 | 3,0 | 0,9 | -8,4 | -5,0 | -12,7 | -18,0 | -9,9 | -2,1 | -2,7 | 4,4 | 14,8 | 3,1 |
| Васоити нақлиёт | 1,1 | -2,0 | 0,0 | 0,0 | 5,2 | 8,1 | 0,4 | 1,5 | 0,8 | -0,7 | 2,7 | 2,4 | 2,8 | 1,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,6 | 7,6 | 7,1 | 8,6 | 8,3 | 8,5 | 4,9 | 4,1 | 3,8 | 2,9 | 8,4 | 9,1 | 7,5 | 0,3 |
| **Хизматрасониҳо** | **15,4** | **2,2** | **4,5** | **7,7** | **4,9** | **3,4** | **1,3** | **3,7** | **5,5** | **4,7** | **5,0** | **6,6** | **5,0** | **0,6** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,4 | 3,2 | 9,8 | 17,5 | 10,8 | 12,3 | 3,2 | 15,7 | 9,1 | 11,0 | 7,5 | 14,6 | 4,9 | -0,5 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 14,3 | 0,0 | 0,0 | 5,0 | 6,5 | 3,3 | 2,9 | 2,8 | 1,3 | 1,3 | 1,7 | 2,8 | 1,2 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,7 | 20,1 | 5,1 | 9,1 | 9,4 | 8,7 | 8,2 | 8,2 | 4,3 | 1,1 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 3,0 | 0,0 | 16,3 | 14,7 | 14,9 | 14,6 | 14,4 | 32,9 | 16,2 | 16,2 | 16,2 | 16,2 | 0,0 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 14,6 | 0,0 | 0,0 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,0 |
| Газ | 1,1 | -6,3 | 3,4 | 40,1 | 6,2 | 14,1 | -23,3 | -15,8 | -5,9 | 5,9 | -9,3 | 26,8 | 28,1 | -2,3 |
| Нақлиёт | 4,1 | -2,3 | -1,4 | 2,8 | 2,9 | -2,4 | -0,2 | -8,8 | 3,7 | -1,4 | 0,9 | 1,5 | 4,6 | 0,0 |
| Алоқа | 1,6 | 0,8 | 0,0 | 1,3 | 0,1 | 0,0 | 0,1 | 0,2 | 0,1 | 0,2 | 8,5 | 8,6 | 8,6 | 0,0 |
| Маориф | 1,7 | 2,6 | 11,3 | 5,3 | 0,3 | 0,7 | 0,7 | 2,0 | 1,5 | 1,6 | 1,6 | 1,7 | 7,7 | 6,4 |
| Тандурустӣ | 0,9 | 14,0 | 1,9 | 1,7 | 1,3 | 0,0 | 0,0 | 15,4 | 15,6 | 15,6 | 16,0 | 1,9 | 0,5 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,6 | 12,3 | 5,2 | 1,1 | 3,3 | 3,2 | 3,2 | 5,3 | 3,8 | 4,4 | 3,1 | 2,6 | 2,6 | 0,4 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо